Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат**

Сармояи инсонӣ омили калидии таъмини рақобапазирии иқтисодиёти миллӣ ва гузаштан ба модели инноватсионии рушд мебошад. Дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ механизми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ муайянкунандаи усулии самаранокии сиёсати таъмини рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ ба шумор меравад. Тавре маълум аст, рушди инноватсионӣ афзалияти асосии иқтисодиёти муосир мебошад. Ин як шакли фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки ба сармояи зеҳнӣ асос ёфтааст ва дар ҷомеа системаи маҷмӯи нави омилҳои истеҳсолиро дастгирӣ мекунад. Чунин низом на танҳо асоси рақобатпазирии иқтисодиёт, балки барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият тавассути худшиносии эҷодӣ ва сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ шароит фароҳам меорад. Инноватсия асоси гузаштан ба роҳи сармоягузории рушд ва омили асосӣ ва сифатии рушди иқтисодӣ мебошад. Он афзоиши рақобатпазириро таъмин намуда, муҳаррики иқтисоди миллӣ мегарданд.

Иқтисодиёти инноватсионӣ аз муносибатҳои анъанавӣ фарқ мекунад ва намуди нави муносибатҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки дар раванди истеҳсолот байни субъектҳои он ба вуҷуд меоянд. Гузариш ба рушди инноватсионӣ бо рушди мувофиқи қувваҳои истеҳсолкунандаи инсон – субъекти иқтисодиёти инноватсионӣ вобаста аст. Унсури асосии раванди рушди истеҳсолоти инноватсионӣ шахси эҷодкор буда, сармояи

инсонии ӯ дар асоси тавлиди донишҳои нав ба манбаи асосии истеҳсолоти инноватсионӣ табдил меёбад. Хусусияти истеҳсолот дар асоси инноватсия дар он аст, ки раванди истеҳсолот ба раванди эҷодии табдил додани дониш ба маҳсулоти нав табдил меёбад.

Муаллиф дар автореферати баррасишаванда мубрамияти мавзӯи рисола ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқотро муайян намудааст, инчунин оид ба навоварии илмӣ ва назариявӣ ва аҳамияти амалии диссертатсия ва дар бораи натиҷаҳои татбиқи таҳқиқот маълумот додааст.

Муаллиф асоснок мекунад, ки сохтори сармояи инсонӣ нишондиҳандаи асосӣ ва сифатии омодагии он ба фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад ва дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳим мебозад.

Дар асоси таҳқиқот баҳри такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок тартиб дода шудаанд, ки онро сохторҳои дахлдор метавонанд истифода баранд.

Дар баробари ин дар автореферат камбудиҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Муаллиф зикр менамояд, ки дар адабиёти илмӣ мавқеи калидии ташаккули муҳити ниҳодии инкишофи сармояи инсонӣ махсус қайд мешавад. Аммо, ин муҳити ниҳодиро равшан шарҳ надодааст;

2. Дар расми 4. механизми коҳиши «фирори мағзҳо» аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, аммо баъзе паҳлӯҳои ин механизм баҳсбарагез аст. Масалан, дар расми мазкур воситаҳои нақши маркзҳои намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар нишон дода нашудааст.

Мулоҳизаҳои дар боло овардашуда мавқеи шахсии муқарриз буда, рафъи он аҳамияти илмии рисоларо боз ҳам баланд мебардорад ва барои диссертатсия характери тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, аз рӯи автореферати пешниҳодшуда метавон ба хулосае омад, ки таҳқиқот пурра анҷом ёфта ҳисобида шуда, бешубҳа, он аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Дар умум диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич, ки дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Одинаев Аслам Мадгиёевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Усманова Т.Дж. д.и.и. проф. Мудири каф.
Назарияи иктисоди ва иктисоди рушд ДТТ

Сурогаи донишгох: Чумхирии Точикистон, 734061, ш. Душанбе, к. Н. Карабоев 63/3, Интернет-сайт: http://tnu.tj/ Телефон: (+992 37) 234-79-88;
E-mail: rectorat-favri-tut@mail.ru
E-mail: tufa1953@mail.ru

Мудири Шуъбаи кадрхо Бухориев Н.Н

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ